Парвандаи аттестатсионии № 12
19-уми декабри соли 2020, суратҷаласаи №12

## ХУЛОСАИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ

6D. КОА-001-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017, № 15 таъсис дода шудааст, дар бораи диссертатсияи Шарипов Хуршед Алихонович дар мавзӯи «Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти “Таърих ва ҳуқуқ”)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.-Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳо хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ).

Диссертатсияи Шарипов Х.А., автореферат ва дигар ҳуҷҷатҳои лозимӣ ба шӯро 01 сентябри соли 2020 ворид гардида, 04 сентябри соли 2020, протоколи №10 ба ҳимоя роҳ дода шудааст.

Шарипов Хуршед Алихонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 01 январи соли 1984 дар ш.Кӯлоби вилояти Хатлон таваллуд шудааст.

Соли 2005 факултаи забонҳои хориҷӣ (англисӣ)-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ–ро бо ихтисоси «Муаллими забони англисӣ» хатм намуда, солҳои 2005-2007 ба ҳайси омӯзгори фанни забони хориҷӣ (англисӣ) ва технологияи информатсионӣ дар мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятим ва бепарастори ш.Кӯлоб ба фаъолият шуруъ намудааст.Солҳои 2007-2012 ба сифати корманди Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор қабул шудааст.Дар кафедраи забонҳои хориҷӣ (англисӣ)- и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ солҳои 2012- 2020 ба ҳайси асиссенти фаъолият намудааст адои вазифа намудааст. Солҳои 2013-2018 ба сифати аспиранти шӯъбаи ғоибонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълими забони англисӣ таҳсил намуда, аз соли 2020 то инҷониб, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ (англисӣ)-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ мебошад.

*Роҳбари илмӣ:* Ҷумъахон Алимӣ - д.и.ф., профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва методикаи таълими он, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.

*Муқарризони расмӣ:*

*Неъматов Саъдуллоҷон Эргашевич* -доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносиии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

*Эмомов Исматулло Боронович* - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон.

*Муассисаи пешбар* - Донишгоҳи давлатии Данғара

*Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:*

*1.Шербоев Саидбой*-узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор. Тақриз мусбат аст.

*2.Ахмедова Гулнора Усмоновна*-номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

*3.Хусанова Тамара* - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забони русӣ ва таҳсилоти касбии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

*4.Сайдаҳмадзода Дилором*-номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Директори маркази омӯзиши “Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон”- и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

Дар муҳокима ва мубоҳиса ширкат варзиданд: *Хоҷазода С.-д.и.ф., профессор, Раҳимзода Х.-д.и.п., профессор, Мамадназаров А.-д.и.ф., профессор, Ҷамшедов П.-д.и.ф., профессор , Юлдошев У.Р.-д.и.п., профессор.*

Диссертант 12 мақола ба табъ расонидааст, ки 7-тои он дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шуда, 6 номгӯйи дигар фарогири мавзӯъ ва муҳтавои асосии диссертатсияанд.

***Номгӯйи муҳимтарин корҳое, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд:***

1.Шарипов Х.А. Муҳиммияти таълими забонҳои хориҷӣ тавассути технологияҳои сайёру мултимедӣ /Х.А.Шарипов //Паёми ДМТ (ISSN 2074 -1847), 2019, №5. Қисми II - С.299-303.

2.Шарипов Х.А. Вижагиҳои дидактикӣ ва вазифаҳои методии технологияи мултимедӣ ва сайёри таълими забонҳои хориҷӣ. /Х.А.Шарипов // Паёми ДМТ (ISSN 2074 -1847), 2019, №6. -С.298 -302.

3.Шарипов Х.А. Моҳият ва муҳтавои таъйиноти супоришҳо барои омӯзиши забони англисӣ бо технолгияи сайёру мултимедӣ /Х.А. Шарипов // Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ (ISSN 2219-5408), 2020, №1.-С.96-101.

4.Шарипов Х.А. Амсилаҳои омӯзиши сайёру мултимедии забонҳои хориҷӣ. /Х.А.Шарипов //Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ (ISSN 2219-5408), 2020, №2.- С.104-109.

5.Шарипов Х.А. Хусусияти нигориши калимаҳои мураккаб ва таркибии забони англисӣ дар фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / Х.А.Шарипов // Паёми ДМТ (ISSN 2413-516X), 2020, № 2. - С.117-122.

6.Шарипов Х.А. Забонҳои хориҷӣ ва технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ. / Х.А.Шарипов //Паёми ДМТ (ISSN 2074 -1847), 2020, №1.- С.274-278.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти ба анҷом расонидаи унвонҷӯ:

-*ошкор гардид, ки* истифодаи технологияи мултимедӣ бештар дараҷаҳои баланд ва миёнаи ташаккулёбии маҳорати мавриди таҳқиқотро дар муаллимони ояндаи фанҳои таъриху ҳуқуқ таъмин месозад;

-*муқаррар карда шуд, ки* маҳорати муошират касбии омӯзгорони ояндаи фанҳои таърих ва ҳуқуқ дар таълими забони англисӣ бо истифода аз *технологияи мултимедӣ* рукни зарурии салоҳиятмандии касбии онҳоба ҳисоб меравад;

-*исбот гардид, ки* таҳлили назариявӣ ва эмпирикии ҷорӣ намудани *технологияи мултимедӣ* дар машғулиятҳои забони англисӣ барои ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ имкон фароҳам оварда, мафҳуми технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсинӣ ҳангоми таълими забони англисиро муайян менамояд;

-*тасдиқ гардид, ки* истифодаи технологияи мултимедӣ дар машғулиятҳои забони англисӣ ба фаъолнокии тафаккур, рушди қобилияти зеҳнию маърифатӣ ва мустақилият, инчунин ташаккули малакаҳои истифодаи донишҳои гирифта дар раванди таълими умумии назариявӣ ва касбии донишҷӯён мусоидат менамояд;

-*асоснок карда шуд, ки* шароити ташкилию педагогии истифодаи *технологияҳои мултимедӣ* дар машғулиятҳои забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ҳатмист;

-*тасдиқ карда шуд, ки* самаранокии амсилаи таҳия шудаи *технологияи мултимедӣ* дар таълими забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ, дар зуҳури динамикаи мусбии нишондиҳандаҳои омӯзиши рушди шахсии донишҷӯён пурра инъикос ёфтааст;

-*муайян гардид, ки* истифодаи *технологияи мултимедӣ* сифати таълими забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгориро беҳтар гардонида, омодагии донишҷӯёнро ба талаботи муосири ҷомеа комилан таъмин менамояд.

*Аҳамияти назариявии таҳқиқот иборат аст аз*:

-ҷамъбасти донишҳои фалсафию педагогӣ доир ба салоҳиятҳои коммуникативӣ ва касбии омӯзгори ояндаи ихтисосҳои гуманитарӣ аз забони англисӣ, ки тасаввуротҳои илмиро вобаста ба таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ васеъ мегардонад;

-асоснок кардани таъсири маҷмӯи имкониятҳои муайяншуда ба самарабахшии раванди ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва касбии омӯзгори ояндаи ихтисосҳои гуманитарӣ аз забони англисӣ, ки ба рушди назария ва амалияи омодасозии мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ мусоидат мекунад;

-коркарди шароитҳои педагогии истифодаи технологияҳои мултимедӣ дар ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва касбии омӯзгори ояндаи ихтисосҳои гуманитарӣ аз забони англисӣ ва бо далелҳои муътамади илмӣ асоснок намудани болоравии динамикаи ташаккулёбии падидаи мазкур, ки ба фаъолнокии тафаккури донишҷӯён, рушди қобилияти зеҳнию маърифатӣ ва мустақилшавии онҳо, ташаккули малакаҳои истифодаи донишҳои гирифта дар раванди таълими умумии назариявӣ ва касбӣ мусоидат мекунад.

-таҳлилу таҳқиқи технологияҳои мултимедӣ дар ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва касбии омӯзгори ояндаи ихтисосҳои гуманитарӣ аз забони англисӣ дар асоси равияи шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ, ки давраҳо ва механизмҳои ташаккули салоҳиятҳои номбурда дар омӯзгорони ояндаи ихтисосҳои гуманитарӣ мавриди амал қарор мегирад.

Барои санҷиши фарзияи таҳқиқот ва ҳалли вазифаҳои гузошташуда *методҳои мазкур* истифода шудаанд**:**

1.*Методи назариявӣ:* таҳлил ва таҷзияи натиҷаҳои таҳқиқот доир ба мавзӯи диссертатсия, таҳлили пажӯҳишҳои фалсафӣ ва психологӣ-педагогӣ, таҳлили натиҷаҳои пажӯҳиши назариявӣ ва озмоишӣ, амсилаи (модели) раванди педагогии омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологии мултимедӣ.

2.*Методи таҷрибавӣ*: пурсиш, тест, мушоҳида, озмоиши педагогӣ, суҳбат, назарпурсӣ, омӯзиши маҳсули фаъолияти донишҷӯ ва ҷамъбасти фаъолияти таҷрибавии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ оид ба истифодаи методикаи технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарӣ.

3.Усулҳои коркарди математикии натиҷаҳои пажӯҳиши озмоишӣ.

4.Таҳлил ва тавсифи натиҷаҳои миқдориву сифатии омӯзиши таҷрибавӣ.

*Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нуқтаҳои зерин баён шудаанд:*

1.Шароитҳои психологию педагогии омӯзиши забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ муқаррар гардидааст.

2. Дастрасии технологияи сайёру мултимедӣ ва тавассути дастгоҳҳои сайёру мултимедӣ, қобилияти интиқол додани маълумот дар шаклҳои гуногун (матн, графика, видео, садо) муайян карда шудааст.

3.Мақом ва вазифаи фанни забони англисӣ дар самти ихтисосҳои гуманитарӣ ва вазифаҳои методии технологияҳои мултимедӣ маълум гардидааст.

4.Доираи маҳорати гуфтор ва малакаҳои забонӣ дар нутқи муҳассилини ихтисосҳои гуманитарӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ мушаххас гардидааст.

5.Низоми методии таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ таия карда шудааст.

6.Ташкили муҳокимаи шабакавӣ бо истифода аз технологияҳои сайёру мултимедӣ, қобилияти анҷом додани лоиҳаҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ дар асоси технологияҳои сайёру мултимедӣ,ташкили корҳои тадқиқотӣ ва рушди малакаи фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён таъмин гардидааст.

7.Технологияи таълимии «омӯзиш дар ҳамкорӣ»; рушди фаъолмандии донишҷӯён; ташаккули малакаҳои касбӣ дар самти муваффақшавӣ ба илму дониш татбиқ гардидааст.

8.Маҳорати гуфтор (дар асоси муошрати шифоҳӣ ва хаттӣ), салоҳияти иҷтимоию фарҳангӣ барои фароҳам овардани омӯзиши забони англисӣ ҳамчун воситаи муошират дар самти иҷтимоӣ ва соҳавию касбӣ мавриди ташаккул қарор гирифтааст.

9.Алгоритми малакаҳои иртиботӣ дар донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ бо истифода аз технологияи мултимедӣ (технологияи блог ва пневматикҳо) ва як зумра вазифаҳо ба рушди салоҳияти нутқ кардани донишҷӯён дар асоси технологияҳои сайёру мултимедӣ таҳия гардидааст.

10.Самаранокии усулҳои таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ дар таълими таҷрибавӣ ва тавсифи натиҷаҳои миқдориву сифатии он баҳогузорӣ карда шудааст .

*Аҳамияти натиҷаҳои ба дастомада дар амалия бо он тасдиқ мегардад, ки:*

1.Методикаи таълими забони англисӣ боистифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ мавриди пажуҳиш ва коркард қарор дода шавад.

2.Ташаккули малакаҳои нутқ ва забонии донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ аз забони англисӣ дар асоси технологияҳои сайёру мултимедӣ амалӣ гардад.

3.Нисбати истифодаи технологияҳои сайёру мултимедӣ ба сифати васоити ёвари таълими забони англисӣ ваҷҳи (мотиватсияи) донишҷӯён муайян ва рушд гардад.

4.Дар татбиқи таълими самараноки забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои сайёру мултимедӣ омодагии омӯзгорон муайянкарда шавад.

5.Истифодаи ТИК дар ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯёну омӯзгорони забони англисӣ бояд мавриди баррасӣ қарор гирад.

6.Таълими забони англисӣ дар асоси равияи шахсӣ-фаъолмандӣ роҳандозӣ карда гардад.

7.Ду алгоритме, ки се марҳиларо фаро мегирад (тайёрию омодагӣ, мурофиавӣ (протсессуалӣ ва арзёбӣ) ва қадамҳо оид ба рушди малакаҳои нутқ дар асоси технологияҳои сайёру мултимедӣ (блог-технологияҳо ва зеркастҳои сайёр) баррасӣ гардад.

8.Силсилаи супоришу вазифаҳо ба ташаккули малакаҳои нутқронии донишҷӯён бо истифода аз технологияҳои сайёру мултмедӣ (луғату фарҳангҳои сайёр ва маҷмӯаҳои лингвистӣ) пешниҳод ва тариқи озмоиш санҷида шавад.

*Дастовардҳои дигари илмӣ, ки навгонӣ ва арзишмандии натиҷаҳои бадаст омадаро шаҳодат медиҳанд:*

1.Дар илми педагогика методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ мавриди пажуҳиш ва коркард қарор гирифт.

2.Дар асоси технологияҳои сайёру мултимедӣ малакаҳои нутқ ва забонии донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитар аз забони англисӣ ташаккул дода шуд.

3.Масъалаи истифодаи технологияҳои сайёру мултимедӣ ба сифати васоити ёвари таълими забони англисӣ ваҷҳи (мотиватсияи) донишҷӯён муайян гардид.

4.Роҳу усулҳои татбиқи таълими самараноки забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои сайёру мултимедӣ омодагии омӯзгорон муқаррар карда шуд.

5.Воситаҳои истифодаи ТИК дар ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯёну омӯзгорони забони англисӣ омӯхта шуд.

6.Омӯзонидан ва таълими забони англисӣ дар асоси равияи шахсӣ-фаъолмандӣ роҳандозӣ карда шуд.

7.Алгоритмҳое, ки се марҳиларо фаро мегиранд (тайёрию омодагӣ, мурофиавӣ (протсессуалӣ ва арзёбӣ) ва қадамҳо оид ба рушди малакаҳои нутқ дар асоси технологияҳои сайёру мултимедӣ (блог-технологияҳо ва зеркастҳои сайёр) мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд.

8.Супоришу вазифаҳо оид ба масъалаҳои ташаккули малакаҳои нутқронии донишҷӯён бо истифода аз технологияҳои сайёру мултмедӣ (луғату фарҳангҳои сайёр ва маҷмӯаҳои лингвистӣ) пешниҳод ва тариқи озмоиш санҷида шуданд.

*Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадро инҳо таъмин менамоянд:* истифодаи пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии пажӯҳиш, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш мувофиқанд; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи тартибу қоидаҳое, ки дар фарзиву ғояи пешбарандаи пажӯҳиш бамиён гузошта шуд; тафтиши маводҳои диссертатсия дар низоми таҳсилоти олии омӯзгорӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣвапедагогиимуаллифидиссертатсия.

Натиҷа ва хулосаҳои рисолаи диссертатсионӣ дар назария ва методикаи таълим ва тарбия дар корбасти дурусти технологияҳои мултимедӣ дар ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва касбии омӯзгори ояндаи ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ аз забони англисӣ (самти “Таърих ва ҳуқуқ”) мавриди истифода қарор хоҳад гирифт.

*Назария асос ёфтааст:*-ба қоидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, фарҳанг шиносӣ, педагогӣ ва лингводидактикӣ, ки зимни он дараҷаву мафҳумҳои «муошират», «забон», «фарҳанг», «фарҳанги муошират нутқӣ», «коммуникатсия», «салоҳиятмандӣ», «муколамаи фарҳангҳо» ва ғайра ифода меёбанд;

-*таҳлили санадҳои меъёрӣ:*Қарори Ҳукумати ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи тасдиқи барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар ҶумҳурииТоҷикистон барои солҳои 2004-2014» ва тамдиди он то соли 2030, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ» (1996), «Стратегияи миллии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар ҶТ барои солҳои 2007-2015», Барномаи давлатии рушд ва вориднамоии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (3 декабри соли 2004, таҳти№468), Стратегияи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва дигар ҳуҷҷатҳои расмии моҳияти раванди таҳсилотро дар муассисаҳои олии кишвар муқаррар созанда;

-*мавриди истифода қарор гирифтаанд:* асарҳои муҳаққиқону олимони ватанӣ ва хориҷӣ вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда;

- *муқаррар карда шудааст, ки* шароитҳои психологию педагогӣ барои омӯзиши забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ самарабахш буда, метавонад дар таҷрибаи кори дигар муассисаҳои олии таълимии ғайрзабонии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор гирад.

- *муайян карда шудааст, ки тавассути таҳияи низоми методии таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни* ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ *бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ ваҷҳи (мотиватсияи) донишҷӯён рушд менамояд.*

*Иштироки шахсии унвонҷӯ:*

1. Муаллиф ғоя ва қоидаҳои асосии диссертатсияро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намуда, амсилаи консептуалиро коркард намудааст, ки он имконияти ҳалли масъалаҳои муносибатҳои шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ ва босалоҳияти истифодаи технологияҳои мултимедиро дар ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва касбии омӯзгори ояндаи ихтисосҳои гуманитарӣ аз забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ фароҳам овардааст.

2. Иҷрои бевоситаи кори таҳқиқотӣ, тафсир ва тафтиши натиҷаҳои ба даст оварда шуда, ба таври фарох ва амиқу самарабахш мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

3. Аз тарафи муҳаққиқӣ МТМ, силлабус ва нақшаи нави таълимӣ оид ба курси “Забони англисӣ барои факултетҳои таърих ва ҳуқуқ” коркард ва ба ҷараёни таълим ворид гардонида шудааст. Муаллиф дар интихоби усул ва тарзҳои таълим бо мақсади педагогикунонии кулли раванди омӯзиши касбӣ, амалигардонӣ ва роҳнамоии бевоситаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, мустақилона ба анҷом расонидани рисолаи диссертатсионӣ ва асарҳои интишоршуда, аз ҷумла дастурҳои таълимӣ-методӣ ва мақолаҳо, фаъолона ширкат варзидааст ширкат варзидааст. Бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлили таҷрибаи пешқадами педагогии муассисаҳои таҳсилоти олӣ тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои самаранокии ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва касбии омӯзгори ояндаи ихтисосҳои гуманитарӣ аз забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ таҳия карда шудаанд.

*Тавсияҳои асосӣ ҷиҳати истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот:*

1.Технологияи мултимедӣ дар таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ва иштироки фаъоли омӯзгорону донишҷӯён мусоидат карда метавонад.

2.Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ дар раванди таълими забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ метавонад салоҳияти иртиботии омӯзгорони забони англисиро такмил диҳад.

3.Ҷорӣ ва истифодаи технологияҳои гуногуни педагогӣ дар таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ на танҳо афзалнок, балки самарабахш низ аст ва метавонад ҳамчун асос барои ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

4.Аз натиҷаҳои таҳқиқ тамоми омӯзгорони фанни забони англисӣ дар раванди таълими он барои донишҷӯёни равияҳои ғайрзабонӣ истифода бурда метавонанд.

5.Дар асоси нуктаҳои алоҳидаи татқиқот ва натиҷаҳои он курсҳои махсусро дар назди “Марказҳои омӯзиши забонҳо” ва зимни гузаронидани курсҳои махсус барои омӯзгорони фанни забони англисӣ дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он қаламрави ҷумҳурӣ ташкил ва ба роҳ мондан мумкин аст.

6.Аз натиҷаҳои таҳқиқ ҳамчунин метавонанд омӯзгорони Муассисаҳои давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо) зимни таълими забони англисӣ ва умуман дигар забонҳои хориҷӣ ҳам истифода бурда метавонанд.

7.Натиҷаҳои таҳқиқ ҳамчунин метавонанд зимни таҳия ва тартиб додани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ ва методӣ, дастуру раҳнамоҳо барои омӯзиши забони англисӣ истифода гарданд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ проблема ва масъалаҳое ҳаллу фасл мегарданд, ки ба меъёрҳои воҳидҳои дохила мутобиқанд ва онҳо бо натиҷаҳои таҳқиқоти баргузоргардида исбот карда мешаванд: ҷиҳати хулоса ва тавсияҳои амалӣ, шароитҳои педагогии оптималии коркардгардида, ки барои рушд ва ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва касбии омӯзгорони оянда ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ истифода мегарданд.

Шӯрои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусиро дар бар гирифта, ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 19 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, ки аз он 9 нафар аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошанд.

*Натиҷаи овоздиҳӣ:*
«тарафдор» 15 нафар,
«зид» 1 нафар,
«варақаҳои беэътибор» -нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Сайфуллоев Х. Ғ.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои педагогӣ** **Дадобоева М. С.**

19 декабри соли 2020